*Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан...*

# НУРАФШОН

Моҳи январи соли 2022, №1 (78)

***Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон***

***Соли нави мелодӣ муборак бошад ҳамдиёрони азиз!***

# ЭҲТИРОМИ ЗАБОН - ЭҲТИРОМИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ АСТ

Забони тоҷикӣ – ин ёдгории маънавии миллиамон, ҳамчун оинаи таърихи деринаи халқамон, инъикосгари урфу одат ва расму анъанаҳои миллиҳу давлатдории мо мебошад. Барои гузаштагони мо ифтихор аз Ватан ва забон ҳамеша ангезандаи эҳсоси олӣ буда, дар ҳама давру замон аз ҷумлаи мафҳумҳои муқаддастарин арзёбӣ гардидааст. Ба ин маънӣ, забони давлатӣ, бешубҳа, таҷассумгари таърихи пуршебу фарози халқи куҳанбунёди тоҷик мебошад. Зеро забони ҳар қавму миллати дунё ёдгории маънавиест, ки дар тулӣ асрҳо ҳамроҳ бо наслҳои худ аз мушкилоту монеаҳои гуногун гузаштааст.



Халқи тоҷик тӯли ҳазор соли бенасибӣ аз давлату давлатдорӣ аз байн нарафт, зеро онҳое, ки болои ӯ ҳукумат мекарданд ва ӯро дар панҷаи зулму асорат нигоҳ медоштанд, ҳамеша ниёз ба забон ва нерӯи эҷодкориву созандагиаш доштанд.

Бузургдошти забони модарӣ, сарнавишти таърихӣ ва мақоми он дар бақои давлатдории миллӣ дар назариёти сиёсии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, дар густураи андешаву пажӯҳиши илмии ӯ аҳамияти бағоят муҳим касб кардааст.

Яке аз матлабҳои вижае, ки аз мақолот, суханронӣ ва андешаҳои ӯ муайян мешавад, ин аст, ки забон дар баробари таъриху фарҳанг ва маънавият аз омилҳои бунёдист,ки ҳувияти миллиро ташаккул медиҳад, симои миллатро муайян мекунад, мақоми онро дар таърих ва дар миёни соири милал таъйин менамояд. 22 июли соли 1996 Президенти кишвар дар Рӯзи ҷашни забон фармуда буд: “Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд”.

Бино ба фармудаи Президенти кишвар “Тулӯи оламшумули забони тоҷикӣ ба талошу фаъолияти ин давлат (Сомониён) ва сарварони соҳибхираду маърифатпарвари он иртиботи ногусастанӣ дорад”.

Ин шинохту бардошти Президент дар раванди пургустариши сиёсати фарҳангии ӯ мӯҷиби эҳёи манзалати таърихии забони тоҷикӣ гардид, ба фаъолиятмандии забони миллӣ дар ҷомеа вусъати азим бахшид, ҳуқуқҳои поймолшудаи онро барқарор намуд, имконе фароҳам овард, ки забони давлатии Тоҷикистон рисолати иҷтимоии худро ба иҷро расонад.

Таҷлили ҷашни Рӯзи забони тоҷикӣ, Соли забони тоҷикӣ эълон шудани соли 2008, таҳия ва қабули Қонуни нави забон, Барномаи давлатии рушди забони давлатӣ, таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурӣ, амри бунёди Қонуни забон барои нашъунамо ва ривоҷи забони модарӣ обуҳавои муносиби сиёсиву маъмурӣ ва маънавиро муҳайё намуд.

***Абдуалиев Б,С., сардори маркази табъу нашр ва китобхонаи анъанавию электронӣ***

# ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Таърихи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулх чун иди умумихалқии сокинони ҷумҳурӣ дар саросари Тоҷикистон истиқбол гирифта мешавад.

Яке аз масоили муҳими маданияти миллии тоҷик – ин пойдор намудани сулҳ ва инкишофи иқтисодиёт мебошад, ки дар ин ҷода низ ба дастовардҳои муайяне соҳиб гардидем. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки хатари порашавии сарзамини ягона ва ҳатто ҳамчун давлати соҳибистиқлол аз харитаи сиёсии олам нопадид шудани Тоҷикистон бо шарофати шуҳратмандию матонати Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз байн рафт. Хушбахтона, роҳи дароз, пурмашаққат ва басо мушкили ихтилофоти миёни тоҷикон анҷом ёфта, барои сулху созиш, ваҳдати миллӣ, бозгардонидани фирориёни иҷборӣ аз хоки Афғонистон фазои мусоиди сиёсӣ фароҳам омад.



Рӯзи 16 ноябри соли 1997 охирин гуреза аз Афғонистон тавассути қатора аз роҳи Термиз ба Ватан баргашт. Комиссияи Оштии Миллӣ бо сарварии Сайид Абдуллои Нурӣ ба кор шурӯъ кард. Намояндагони иттиҳоди мухолифин дар ҳайати ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти масъули давлатӣ ба фаъолият пардохтанд. Сулху созиш ва ваҳдати милӣ аз сухан ба амал пайваста, ба минтақаҳои дуру наздик, ба кулбаву кошонаҳо, ба дилу дидаи мардум роҳ ёфт.

Давраи навини давлатдории мо оғоз ёфта, бунёдкориву созандагӣ ва ободонии кишвар ба ҳукми анъана даромад. Барномаҳои истиқлолияти озуқаворӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, истиқлолияти энергетикӣ, эҳёи роҳи абрешим ва бунёди хати нави роҳи охан, ба истифода додани кони гази Хоҷа Сартез ва даҳҳо корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ башорате буд аз дастовардҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки аз файзу баракати сулҳу созиш ва ваҳдати миллӣ бароямон муяссар гардид. Воқеан, Тоҷикистон дар тӯли ин солҳо ба кишвари зироатӣ ва саноатӣ мубаддал гашта, соҳаҳои гуногуни саноату зироат, сохтмону нақлиёт рӯ ба инкишоф ниходанд, пояҳои иқтисодии ҷумҳурӣ устувор гардид.

Саноати Тоҷикистон зиёда аз сад соҳаи саноат ва қариб 400 корхонахои азимро дар бар мегирад. Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олӣ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор шуд, ба ташкили давлату ҳукумати нави Тоҷикистон замина гузошт. Иҷлосияи номбурда инчунин Раёсати нави Шӯрои Олиро интихоб намуд, ки дар тӯли солхои охирини фаъолияташ бисёр масоили мухимтарини ҳаётӣ сиёсӣ ва фарҳангиро ҳаллу фасл кард. Якчанд қонунҳои муҳим тахия ва дар иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ қабул гардиданд.

Дар ин раванд Артиши милли ва Рамзхои давлатии Тоҷикистон низ қабул карда шуданд. Давлати сохибистиқлоли мо сохиби Қонуни асоси(Конститутсия) гардид ва ба тариқи овоздихии озод ва алтернативӣ Президенти Тоҷикистон интихоб гардид. Халқи Тоҷикистон роҳи барпо намудани давлати демократӣ, хуқуқбунёд ва дунявиро пеш гирифт, ки ин дар Конститутсия сабт гардидааст.

Имрӯзҳо сокинони ҷумхурӣ аз он ифтихор дораднд, ки Тоҷикистони сохибистиқлол аз ҷониби чандин давлатҳои сайёра ба расмият шинохта шуда, узви комилхуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва чандин созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, тоҷикон дар фазои тинҷу осуда, ваҳдати миллӣ ба сар бурда, анъанаҳои неки башардӯстонаи аҷдодонамонро идома медиҳанд. Ва ҳамагон бояд фикр кунем, ки мардуми тоҷикро оинаи таърих ҳамеша бо хислатхои нек, фазилату дурандешӣ, хайрхохӣ ва тарғибгари дӯстиву рафоқат нишон додааст.

***Билоли Ҳ., омӯзгори Донишкада***



# ҶАВОНОН ПАЙРАВИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Шахсиятеро, ки дар борааш ҳарф мезанем, ба тарғибу муаррифӣ эҳтиёҷ надорад. Андешаву суханонаш кайҳост, ки ба дили мардум роҳ ёфта, кору пайкори созандааш дар таърихи навини тоҷикон ба ҳайси бунёдгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, таҳиягари пояҳои ҳуқуқии миллат, эҳёкунандаи номи қаҳрамонони таърихӣ, ҳомӣ ва муҳофизи манфиатҳои миллат ва ҳуқуқу озодиҳои инсон байни мардум маълуму машҳур гаштааст. Эмомалӣ Раҳмон дар ҳақиқат қаҳрамон аст, қаҳрамоне, ки ният ва маромаш оромии дар ҳар хонадон ва мардуми Тоҷикистон мебошад.




Миллате, ки таърих ва бузургони гузаштаи худро қадр мекунад, саодатманд аст, вале бузургтару саодатмандтар, ба қавли хирадмандон, миллатест, ки ба қадри бузургон ва қаҳрамонони зиндаи худ мерасанд.

Илми таърихи сиёсӣ –иҷтимоӣ ва таҷрибаи давлатҳои мутамаддин собит менамояд, ки давлатҳои гузаштаю имрӯза хизматҳои содиқона, созанда ва тақдирсози чунин фарзандони қаҳрамони худро маддиназар гирифта, дар қайди ҳаёт буданашон бо мақсади нигоҳ доштани меросияти таърихӣ ва рушди бонизоми ҷомеа ва давлат, симо ва шахсияти онҳоро ҳамчун қаҳрамон, пешво ва падари миллат ва давлатхо эътироф кардаанд.

Давлат, Ҳукумати ҷумхурии Тоҷикистон ва бевосита Асосгузори сулҳу вахдат Пешвои миллат Президенти Ҷумхурии Точикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои ҷавонон ва тарбияи насли ҷавон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Барои дастгириву ҳавасмандгардонии љавононтўлисолҳоиистиқлолият як ќатор имтиёзҳо, аз қабили стипендияҳои президентӣ ва квотаи президентӣ, Стипендияи байналмилалии президентӣ -“Дурахшандагон”, грантҳои Ҳукумати Тоҷикистон барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон, ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, дастгириҳои давлатӣ оид ба ҷудо кардани манзил ва қитъаи замин муқаррар шуда, ҷалби ҷавонони лаёқатманд ба идоракунии давлатӣ ва пешбарии онҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда чун зуҳуроти ғамхории доимии ҳукумати мамлакат алалхусус Асосгузори сулҳу ваҳдат Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мунтазам идома дорад. Сарвари давлат бо нишони роҳ кушодан ба ҷавонони соҳибмаърифат ҳангоми ҷобаҷогузории кадрҳо ба мавқеъи ҷавонон аҳмияти махсус медиҳад.

Пас аз соњибистиќлол шудани давлати Тоҷикистон маҳз бо талошҳои пайгирона ва икдомҳои созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдат Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи марти соли 1994 нахустин мулоқоти сарвари давлат бо ҷавонони лаёқатманди кишвар баргузор гардида буд.

Устувору пойдор нигоҳ доштани якпорчагии Тоҷикистон, ваҳдати миллӣ ва осоиши некуаҳолии халқ ҳадафҳое ҳастанд, ки ҳамватанонро алалхусус ҷавононро муттаҳид сохта метавонад.

Пас аз соҳибистиклол гардидани Ватанамон дар кишвар созмонҳои гуногуни ҷавонон ба вуҷуд омаданд , Иттифоқи ҷавонон, шурои олимон ва мутахассисони ҷавон, ҷамъияти ҷавонони эҷодкор, ҷамъияти ҳуқуқдонҳои ҷавон ва ғайраҳо фаъолият мекунанд, ки ин ҳама дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буданд.

Ҳукумати мамлакат саҳм ва нақши ҷавононро дар рушди бахшҳои гуногуни ҳаёти кишвар ҳамеша қадрдонӣ менамояд. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба раванди омода намудани олимони ҷавон вобаста ба талаботи соҳаҳои гуногуни кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар давоми солҳои истиқлолият барои дастгирии ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманд тадбирҳои назар расро анҷом дода истодааст.

***Абдуалиев Б,С., сардори маркази табъу нашр ва китобхонаи анъанавию электронӣ***

# ТОҶИКОН ВА ТАМАДДУНИ ҶАҲОН

Таърихи халқи тоҷик хотираи миллати тоҷикро аз замонҳои қадимтарин то замони моро дар бар мегирад ва он қисми таркибии таърихи башар мебошад. Халқи тоҷик аз асри санг то ворид шудани аҷдодони қадимтарини он ба таърих, пайдоиши давлатҳои аввалин дар қаламрави сукунати халқҳои форсизабон ва то оғози асри XX бо халқҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрон, Осиёи Хурд ва мардуми форсизабони дигари Осиё таъриху фарҳанги муштарак дорад. Аз ин рӯ, бе тарҷумон ҳарф зада, ҳамдигарро фаҳмида метавонанд.

Бояд гуфт, ки халқҳои форсигӯро решаи



умумии ориёии қадим бо ҳам мепайвандад. Бо дар назардошти ин гуфтаҳо дар таърихи ниёгони мардуми форсизабон ва таърихи халқи тоҷик то оғози асри номбурда ҳудудҳои миллию давлатӣ гузошта нашудааст.

Дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти омӯзиши таърихи халқи тоҷик беандоза афзудааст. Аз ин рӯ, давлат ва соҳаи маорифи кишвар ба таҳқиқ ва омӯзиши таърихи гузаштаи миллат диққати сазовор медиҳанд, аз он ҷумла таълими он дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ низ. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик на танҳо дорои аҳамияти миллӣ буда, таҳқиқи ин таърих ва шинос намудани он ба ҷаҳониён барои миллати тоҷик аҳамияти бунёдӣ дорад. Ба ҳамин восита мо метавонем тамаддуни гузаштаи халқи тоҷикро, ки ба тамаддуни ҷаҳон нишонаҳои оламшумули давлатдорӣ ва илму фарҳангро додааст, ба рӯи оламиён боз кунем ва бигӯем, ки мо яке аз тамаддунҳои бойтарини башарро намояндагӣ мекунем. Ин намояндагӣ наслҳои имрӯз ва фардои миллати тоҷикро водор месозад, ки сазовори ниёгони шӯҳратманди худ бошанд.



Месазад, ки оид ба моҳияти тамаддун ва таърих каме тавақкуф кард. Дар замони шӯравӣ вазифаи таърих инъикоси мубориза синфии антагонистӣ ва дар ин замина инқилобҳои иҷтимоӣ дар асоси ҳақ шуморидани ғояи оштинопазирии табақаҳои заҳматкашон бо табақаҳои дигар ва додани мақоми душмани синфӣ ба гурӯҳҳои иҷтимоии дорои ҷомеа иборат буд. Хулосаи дигар ин аст, ки хонандаи мактаби таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ё ашхоси дигар дар таърих бар зидди «душманони синфӣ» мубориза мебурданд. Аз рӯи далелҳои муҳаққиқ ва ё омӯзгор маҷбур буданд, ки табақаҳои дороро бад дида ва нисбати онҳо бадхоҳ бошанд. Чунин қаламдод кардани таърих ва омӯхтани он аҳамияти илм ва фанни таърихро дар ташаккули шахсияти инсонгароёнаи инсон халали ҷиддӣ ворид мерасонид. Ва дар амал таърих дар ҷодаи ташаккули инсони башардӯст мақоми аслии худро иҷро карда наметавонист. Он мақсад ва вазифаҳои идеологии ҳизби коммунистиро иҷро мекард. Аммо зарур аст, ки таърих вазифаи аслии худ – шиносоӣ ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ниёгон, ки дар давлатҳои гуногун умр ба сар бурдаанд, иҷро намояд ва ба ҳамин васила тафаккури таърихии насли ҷавон ва калонсолро ташаккул диҳад.

***Темирова М. омӯзгори Донишкада***

НУРАФШОН

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
Исозода Д.Т.
Зувайдуллозода Ф.З.
Обидҷони Ш.Қ.
Шарифова З.Ҷ.
Ализода А.А.

***ТАРРОҲ:*** Абдуалиев Б.С.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст.
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар маркази инноватсионнӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.
Нишонии мо: н. Кӯшониён, Ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.
Сомонаи интернетӣ: www.det.tj